# Ёддошти

## тафоҳум байни Ташкилоти ҷамъиятии «Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ-Тоҷикистон» ва Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, макомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

26 октябри соли 2016 шаҳри Душанбе

### Муқаррароти умумӣ

Ташкилоти ҷамъиятии «Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ - Тоҷикистон» (минбаъд «Хазина») аз як тараф ва аз тарафи дигар Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд «Донишкада»), ки дар якҷоягӣ тарафҳо номида мешаванд, Ёддошти мазкурро ба имзо расониданд:

### 1. Ҳадафҳо

Хазина ва Донишкада ҳамчун шарикон ба ҳисоб рафта, ҷиҳати амалисозии ҳадафҳои дар Ёддошти мазкур зикргардида ҳамкорӣ менамоянд:

- ✓ ҳамкорӣ дар самти амалисозии лоиҳаҳое, ки барои мусоидат ба амалишавии барномаҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ қабул шуданд, аз ҷумла Барномаи рушди низоми адлия барои солҳои 2015-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2015, №101 тасдиқ гардидааст, Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2015, №327 тасдиқ гардидааст, Барномаи таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №678 тасдиқ гардидааст, Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи 2013, №1504 тасдиқ гардидааст.
- ✓ баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ҳамчун субъектони татбиқи барномаҳои давлатӣ.
- ✓ ташкил ва баргузор намудани семинарҳо, тренингҳо ва конфронсҳои муштараки мавзӯӣ бо иштироки коршиносони миллӣ ва байналмилалӣ дар мавзӯи барномаҳои давлатии дар боло зикргардида ва вобаста ба дигар масъалаҳои муҳими ҳуқуқӣ, ки бо баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон алоқаманд аст.
- ✓ ташкили чорабиниҳо барои таҷрибаомӯзии ҳуқуқшиносон бо мақсади такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва паст

намудани омилҳои ба коррупсия алоқаманд ва паст кардани хавфи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

✓ коркард ва амалӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионии муштарак, ки ба баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии шаҳрвандон равона карда шудааст.

✓ омӯзиш ва паҳн намудани иттилоот оид ба натиҷаҳои чорабиниҳои мушаххас, ки мақсади асосии Ёддошт мебошад.

## 2. Ҳуқуқу уҳдадории тарафҳо

2.1. Хазина уҳдадор аст:

✓ оид ба баргузории семинар, тренингҳо, вохӯриҳо, конфронсҳо Донишкадаро на дертар аз 15 рӯзи тақвимӣ пеш аз баргузории семинар, тренингҳо, вохӯриҳо, конфронсҳо огоҳ намояд;

✓ дар таҳия ва амалӣ гардонидани барномаҳои ватании дар боло зикргардида алоқаманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имкониятҳои ҳамдигар истифода намуда, ҳамчун шарик ҷалб карда шавад;

✓ дар доираи мазмун ва муҳтавои Ёддошти мазкур иҷрои бевоситаро таъмин намояд ва имкониятҳои барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда, мавриди ҷалби кӯмаки созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ) ҳамаҷониба мусоидат намояд ва ҳуқуқ дорад бо ин мақсад суратҳисоби бонкии худро истифода намояд.

2.2. Донишкада уҳдадор аст:

✓ дар доираи Ёддошти мазкур барои Хазина шароити мусоид мавриди амалӣ намудани лоиҳаҳои муштарак мусоидат ва ҳамкорӣ менамояд;

✓ саривақт оид ба гузаронидани чорабиниҳои Донишкада, ки иштироки Хазинаро зарур медонад, огоҳ намояд ва маълумотҳои заруриро ба Хазина пешниҳод намояд.

## 3. Муҳлати амал, тағйиру иловаҳо ва хотимаёбӣ

✓ Ёддошти мазкур аз вақти ба имзо расидани он аз ҷониби тарафҳо мавриди амал қарор дода мешавад;

✓ ҳамаи тағйиру иловаҳо ба таври хаттӣ бо имзои тарафҳо тартиб дода шуда, ҳамчун қисми ҷудонашавандаи Ёддошти мазкур замима мегарданд;

✓ фаъолияти тарафҳо ғайритиҷоратӣ буда, ҳадафи ба даст овардани фоидаро надорад;

✓ дар Ёддошти мазкур Тарафҳо принсипи эҳтироми дуҷонибаро риоя мекунанд ва тавассути намояндаи Доншкада аз як тараф ва

тавассути маъмурияти Хазина аз тарафи дигар, ҳамкорӣ доир менамоянд;

✓ асосҳо ва тартиби хотимаёбии Ёддошти мазкур аз рӯи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд;

✓ тарафе, ки ба ҳолати ғайриинтизор дучор мешавад, ухдадор аст тарафи дигарро дар муддати на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ огоҳ намояд;

✓ баъди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба матни Ёддошти мазкур, онро бояд намояндаи ваколатдори тарафҳо имзо намояд;

✓ муҳлати иҷрои Ёддошти мазкур то 31 декабри соли 2019 ҷиҳати таҳияи лоиҳаҳои дар онҳо пешбинишуда муқаррар карда мешавад; Агар тарафҳо дар давоми 30 рузи пеш аз баохиррасии мухлати Ёддошти мазкур ба таври хаттӣ оид ба бекоршавии он тарафи дигарро огоҳ накунанд, мухлати он боз ба се соли дигар тамдидёфта эътироф карда мешавад.

✓ Ёддошти мазкур дар ду нусха (як нусхагӣ барои тарафхо) бо забони давлатӣ тартиб дода мешавад ва аз рӯзи ба имзо расиданаш эътибор пайдо мекунад;

4. Ҳалли баҳсҳо

✓ ҳамаи баҳсҳо ва нофаҳмиҳое, ки байни тарафҳо ба вуҷуд меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

✓ дар вақти амалишавии шартномаи мазкур ва ҳалли баҳсҳо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.

Аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии «Хазинаи Авруосиёгии Осиёси Марказӣ-Тоҷикистон»

________________А. Сайфиддинов

«26» октябри соли 2016

Аз ҷониби Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлия

________________И.С. Собирзода

«26» октябри соли 2016